«Тасдиқ мекунам»
Директори Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон
Академик ____________ Пиризода Ҷ.С.
«_07_» __ноябри__ 2023с.

# Хулосаи
## Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон

Ба кори диссертатсионии Убайдуллозода Ғолиб Хонҷон дар мавзуи «Такмили ҷанбаҳои ташкиливу иқтисодии идоракунии фаъолияти инвеститсионӣ дар низоми гидроэнергетикаи Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 - Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо). Кори диссертатсионӣ дар шуъбаи омӯзиши равандҳои сармоягузорӣ дар комплекси агросаноатии Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон иҷро шудааст.

Дар рафти иҷрои диссертатсия Убайдуллозода Ғолиб Хонҷон унвонҷӯи шуъбаи омӯзиши равандҳои сармоягузорӣ дар комплекси агросаноатии Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон буда таҳқиқотҳои илмиро оид ба омӯзиши пурраи мавзуи рисолаи илмии соли 2016 дар шуъбаи омӯзиши равандҳои сармоягузорӣ дар комплекси агросаноатии Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон оғоз кардааст.

Убайдуллозода Ғолиб Хонҷон соли таваллудаш 08.05.1970, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон. Дар соли 1987-ум ба Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академики М.С. Осимӣ дохил шуда, соли 1993 аз рӯйи ихтисоси муҳандис – электрик хатм намудааст. Баъди хатми донишгоҳ соли 1993-1997 дар Шабакаҳои барқии Кӯлоб ба ҳайси муҳандиси Хадамоти дифои релегӣ ва автоматика баъдан муҳандиси пешбари Хадамоти дифои релегӣ ва автоматика. Солҳои 1997-2003 дар Шабакаи барқии Кӯлоб ба ҳайси муовини сардори Хадамоти дифои

релегӣ ва автоматика. Солҳои 2009-2012 дар Маҷмааи давлатии “Қасри миллат”-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси муовини директор. Солҳои 2012-2015 дар Маҷмааи давлатии “Қасри миллат”-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси муовини якуми директор. Аз солҳои 2015-2021 дар Департаменти “Шабакаҳои интиқоли барқ”-и Ширкати саҳомии холдингии кушодаи “Барқи Тоҷик” ба ҳайси муовини раис-директори иҷроия. Аз соли 2021 то имрӯз дар Хадамоти давлатӣ оид ба назорат дар соҳаи энергетикаи Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси сардори хадамот фаъолият менамояд.

Соли 2016 тибқи фармоиши директори Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон таҳти №13-К/6 ба ҳайси унвонҷӯи шуда, рисолаи номзадиашро дар мавуи «Такмили ҷанбаҳои ташкиливу иқтисодии идоракунии фаъолияти инвеститсионӣ дар низоми гидроэнергетикаи Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06 - Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) таҳия намудааст.

Имтиҳонҳои минимуми номзадиро аз фанни забони хориҷӣ (англисӣ) дар санаи 30.07.2017 бо баҳои 5(аъло), аз фанни таърих ва фалсафаи илм дар санаи 19.07.2017 бо баҳои 5 (аъло), аз фанни назарияи иқтисодӣ дар санаи 02.12.2022 бо баҳои 4 (хуб) ва аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо бо баҳои 4 (хуб) супоридааст, шаҳодатномаи №1006 аз «29» декабри 2022 сол.

**Роҳбари илмӣ** – Одинаев Шоҳин Талбакович н.и.и., дотсент, муовини директори Институти иқтисодиёти кишоварзӣ (ҳоло Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон), протоколи №12 аз 12.12.2016 таъин карда шудааст.

**Мубрамият ва зарурати баргузории таҳқиқот.** Мутобиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, солҳои 2021-2025 марҳилаи рушди суръатнок, ки ба ҷалби сармоягузориҳо асос ёфтааст, сурат мегирад. Дар ин марҳила «дар соҳаи гидроэнергетика ислоҳоте, ки таъмини шароитҳои кори механизмҳои бозор фазои рақобатнокро барои фаъолияти мавҷуда ва вуҷуд меоваранд ба анҷом мерасад. Ин давра барои пурра ба анҷом додани сохтмони ҶСК НБО “Роғун” ва таъмини истиқлолияти энергетикии кишвар марҳилаи калидӣ

мебошад. Бозори мутавозуни интиқоли барқ дар минтақаи Осиёи Марказӣ ташкид дода шуда, ҳамкории мутақобилан судманд дар ин самт фаъол гардонида мешавад”. Воқеан ҳам дар марҳилаи нави рушд дар мамлакат як қатор хусусиятҳо ва шароити мусоид барои сармоягузорӣ барои сохтмони гидроэнергетикӣ рӯйи кор омаданд, ки фазои сармоягузориро таҳким менамояд. Зеро, худи бозори энергитикӣ, неруи барқ дар марҳилаи рушди қарор дорад, талабот ба ин неруи стратегӣ на танҳо дар дохили мамлакат, балки берун аз он меафзояд. Илова ба ин, истеҳсоли неруи барқ аз захираҳои бозтавлидшаванда, яъне об ва истеҳсоли неруи барқи аз нигоҳи экологӣи тоза ба консепсияи рушди устувор рост меояд.

Бинобар он дар Консепсияи гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди устувор барои давраи солҳои 2007-2030, ки 1-уми октябри соли 2007 таҳти №500 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, дурнамои рушди иқтисодиёти мамлакат дар пояи мавҷудияти иқтидори бузурги гидроэнергетикӣ таҳрезӣ шудааст ва дар он инчунин маҷмуи тадбирҳое, ки ба дастгирии сохтмони НБО равона карда шудаанд, баррасӣ гардидааст. Вобаста ба ин принсипҳои асосии сиёсати сармоягузории давлатӣ такмил меёбад, ки бояд ба болоравии сатҳу сифати самарабахши танзими давлатии фаъолияти сармоягузорӣ дар бахши гидроэнергетика мусоидат намояд.

**Мақсади таҳқиқоти** диссертатсионӣ асосноккунии назариявӣ ва амалии мукаммал гардонидани ҷанбаҳои ташкиливу иқтисодии идоракунии фаъолияти инвестисионӣ дар низоми гидроэнергетикаи Тоҷикистон ба ҳисоб меравад

**Барои расидан ба ҳадафҳо ҳалли вазифаҳои зерин гузошта шудаанд, аз ҷумла:**

- омӯзиши муносибатҳои назариявӣ доир ба мазмун ва тавсифи шаклҳои амалисозии фаъолияти сармоягузорӣ ва коркарди равишҳои методии таҳлил ва арзёбии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар гидроэнергетика;
- муайян намудани хусусиятҳои танзими давлатии фаъолияти сармоягузорӣ дар бахши гидроэнергетика;
- арзёбии вазъии муосири рушди гидроэнергетика дар мамлакат, таҳлили вазъи сармоягузорӣ ва самаранокии он дар соҳаҳои гидоэнегетикӣ;
- асоснок намудани роҳҳои такмили механизмҳои ташкилии фаъолияти сармоягузорӣ;

- коркард намудани асосҳои консептуалӣ ва мукаммалгардонии принсипҳои асосии идоракунии сармоягузориҳои молиявӣ дар соҳаи гидроэнергетика.

**Объекти таҳқиқоти диссертатсиониро** комлекси гидроэнергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳад.

**Мавзӯи таҳқиқотро** муносибатҳои ташкилӣ-иқтисодие ба ҳисоб меравaнд, ки дар раванди идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар соҳаи гидроэнергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода мешаванд.

**Фарзияи таҳқиқот** бар пояи муқаррароти ибтидоие асос ёфтааст, ки новобаста аз ҷолиб будани соҳаи гидроэнергетикаи мамлакат барои сармоягузорони дохилию хориҷӣ, бидуни мукаммалгардонии ҷанбаҳои ташкилӣ ва иқтисодии идоракунии фаъолияти инвеститсионӣ афзоиши ҳаҷми сармоягузориҳо ва рушди босуботи низоми гидроэнергетикаи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин намудан ғайриимкон аст. Танҳо дар сурати такмили механизми ташкилии фаъолияти сармоягузорӣ, коркарди асосҳои консептуалӣ ва такмили принсипҳои асосии идоракунии маблағгузориҳо дар соҳаи мазкур, танзими давлатии фаъолияти сармоягузориро дар ин бахш ба роҳ мондан мумкин аст.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.**

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба сарҳадҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 08.00.06 - Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) мутобиқ ба бандҳои: 10.4. Сиёсати давлатӣ, механизмҳо, методҳо ва технологияҳои таҳия ва татбиқи он. Стратегия ва тактика дар амалисозии сиёсати давлатӣ; 10.5. Вижагиҳои коркард ва татбиқи сиёсати давлатӣ дар бахшҳои иҷтимоиёт ва иқтисодиёт. Робитаҳои бевосита ва бавоситаи сиёсати давлатӣ, механизмҳо, методҳо ва технологияҳои таҳия ва татбиқи онҳо. Инкишофи шаклҳои ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ. Идоракунии амволи давлатӣ; 10.8. Идоракунии системаҳои иқтисодӣ, усул (принсипҳо), шаклҳо ва методҳои амалисозии он. Вобастагии идоракунӣ аз хислат ва ҳолати системаи иқтисодӣ. Идоракунии тағйирот дар системаҳои иқтисодӣ. Назария ва амалияи идоракунии сохторҳои интегратсионӣ ва равандҳои интегратсияи бизнес; 10.11. Ҷараёни идоракунии ташкилот, зерсистемаҳо ва функсияҳои алоҳидаи он. Ҳадафмуайянкунӣ ва банақшагирӣ дар идоракунии ташкилот. Назорат, мониторинги бенчмаркинг. Механизмҳо ва методҳои қабул ва амалисозии қарорҳои идоракунӣ. Идоракунии лоиҳаҳо; 10.12.

Арзёбии идоракунии ташкилот ҳамчун системаи иҷтимоӣ ва иқтисодӣ. Меъёри арзёбии самаранокии идоракунӣ. Методҳо ва нишондиҳандаҳои арзёбии натиҷабахшии идоракунӣ мувофиқат менамояд.

**Сарчашмаи иттилоот.** Заминаҳои иттилоотии таҳқиқотро назария ва амалияи омӯзишҳои иқтисодии олимони гуногун дар марҳалаҳои муайян ва корҳои олимони тоҷик, рус ва хориҷӣ, натиҷаи корҳои марказҳои пешбарандаи илмӣ-истеҳсолӣ, маводҳои коференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналхалқӣ ташкил додаанд. Ба ғайр аз ин ҳангоми иҷроиши таҳқиқоти диссертатсионӣ маводҳои Вазорати энергетика ва захираҳои обии Тоҷикистон, ШСХ «Барқи Тоҷик» ва ғайра истифода карда шудаанд.

**Барои асосноккунии назария ва методологии таҳқиқот,** корҳои бунёдии олимон аз рӯйи бахшҳои назарияи идоракунии сармоягузориҳо, усулҳои таҳлили системавӣ, назарияи муосири системаҳо, инфрасохтори рушди устувор, таҳқиқотҳои монографӣ, равишҳои институтсионаливу эволютсионӣ ва дидгоҳи олимони гуногун дар самти идоракунии соҳаҳои гидроэнергетика ва сармоягузориҳо дар он ташкил медиҳанд, истифода бурда шудаанд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** бо дурустии маълумот, бо миқдори кофии маводи тадқиқотӣ, ҷамъоварӣ, коркард, таҳлил ва баровардани хулосаҳои асосноки илмӣ оид ба роҳҳои такмили ҷанбаҳои ташкиливу иқтисодии идоракунии фаъолияти инвеститсионӣ дар низоми гидроэнергетикаи кишвар, нашри натиҷаҳои тадқиқоти диссертатсионӣ дар маҷаллаҳои илмии бонуфузи ватанӣ аз тарафи муаллиф тасдиқ карда шудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар асосноккунии заминаҳои назариявӣ ва коркарди ҷанбаҳои иқтисодиву ташкилии идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар соҳаҳои гидроэнергетикаи Тоҷикистон, инчунин, дар коркарди тавсияҳои амалӣ ҷиҳати мукаммалгардонии механизми идоракунии самоягузорӣ дар гидроэнергетикаи Тоҷикистон таҷассум меёбад.

Ба натиҷаҳои асосии таҳқиқот, ки дорои унсурҳои навгонии илмӣ мебошанд, инҳо дохил мешаванд:

- таърифи муаллифӣ доир ба мафҳуми "раванди сармоягузорӣ" дода шудааст, ки ҳамчун объекти идоракунии равандҳо, зинаҳои гуногуни амалисозии фаъолияти сармоягузориро дар бар гирифта, ба марҳилаҳои зерин тақсим мешавад: ҷустуҷӯи захираҳои сармоягузорӣ (худӣ, ҷалбшуда ва қарзӣ); табдил додани захираҳо ба сармоягузориҳои асосӣ (хароҷот) ё

раванди табдил додани сармоягузорӣ ба объекти мушаххаси фаъолияти сармоягузорӣ (худи сармоягузорӣ); табдил додани маблағҳои гузошташуда ба афзоиши арзиши сармоя, ки истеъмоли ниҳоии сармоягузориҳо ва гирифтани арзиши нави истеъмолиро тавсиф мекунад (дар шакли объектҳои мавриди истифода ва иншооти истеҳсолӣ); афзоиши арзиши сармоя дар шакли даромад (фоида), ки дар он ҳадафи ниҳоии сармоягузорӣ амалӣ мешавад;

- асоснок карда шудааст, ки соҳаи гидроэнергетика аслан ба бахши давлатии иқтисодиёт дохил мешавад ва вобаста бо хусусиятҳои асосии зерин бояд зери танзими фарогири давлатӣ қарор гирад: а) арзиши баланди сохтмони иншооти гидроэнергетикӣ, ки маблағи зиёдро талаб мекунаду ҷолибияти сармоягузорони хусусӣ хеле паст мебошад; б) ҳаҷми зиёди корҳо, ки ба муҳлати тӯлонии сохтмони иншоотҳои гидроэнергетикӣ оварда мерасонад ва бинобар он зарур аст, ки барномаи давлатии дастгирӣ ва кафолати фаъолияти сармоягузорӣ дар он таҳия ва амалӣ карда шавад.

- вазъи сармоягузории сохтмони иншооти гидроэнергетикӣ арзёбӣ гардида, дар бораи имконияту захираҳои эҳтимолии рушди он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон итилооти нави илмӣ манзур карда шудааст, ки ҳадафнокию самаранокии сармоягузориро дар сохтмони иншооти бузурги гидроэнергетикӣ бо иштироки сармоягузорони минтақавӣ асоснок намуда, мавқеи бартарияти ҷумҳуриро дар бозори байналмилалӣ (минтақавии) неруи барқ фаъол мегардонад;

- самтҳои асосии такмили ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии идоракунии сармоягузорӣ ва роҳҳои фаъолсозии он муайян карда шуданд, ки барои муайян ва муратаб сохтани мушкилоти асосӣ ва ҳалли он, ки бо мушкилоти вазъи молиявии соҳаи гидроэнергетикии иқтисодиёт алоқаманд мебошад, мусоидат намояд;

- системаи вазъияти идоракунии ташаккули портфели сармоягузорӣ ҳамчун механизми ташкилии идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ коркард карда шудааст, ки имкон медиҳад тавсияҳо оид ба интихоби фаврии воситаҳои идоракунии сармоягузорӣ мувофиқи вазъи бозори сармоягузорӣ ташаккул ёбад.

**Аҳамияти назариявии ва амалии таҳқиқот.** Аҳамияти назариявии таҳқиқот бо муҳимияти хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар диссертатсия асоснок кардашуда аз рӯйи ҷанбаҳои ташкиливу иқтисодии идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар гидроэнергетика, таъмини бехатарии энергетикаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи нави рушди

иқтисодиёти соҳаи энергетика муайян карда мешавад. Муқаррароти асосии назариявӣ, усулҳои методӣ, пешниҳодҳо, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ коркард шудаанд, метавонанд ҳангоми коркарди стратегияи миллии рушди устувори соҳаҳои гидроэнергетика, маводҳои марбут ба амнияти миллӣ, иқтисодӣ ва энергетикӣ истифода карда шаванд. Мавқеи асосиро амсилаи ташаккули портфели сармоягузорӣ, ки нақши муҳимро дар низоми идоракунии фаъолияти сармоягузори ташкил медиҳад ва самтҳои стратегии баландбардории самаранокии гидроэнергетикӣ ва мукаммалгардонии механизми танзими давлатии онро муайян менамояд, ишғол менамояд.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

- пешниҳоди таърифи муаллифӣ доир ба мафҳуми "раванди сармоягузорӣ" ҳамчун объекти идоракунии равандҳо, бо нишон додани зинаҳои гуногуни амалисозии фаъолияти сармоягузорӣ ва марҳилаҳои он;
- асосноккунии зарурати танзими давлатии соҳаи гидроэнергетика ҳамчун бахши давлатии иқтисодиёт ва нишон додани хусусиятҳои асосии танзими фарогири давлатӣ.
- пешниҳоди итилооти нави илмӣ оид ба вазъи сармоягузории сохтмони иншооти гидроэнергетикӣ, имконияту захираҳои имконпазири рушди он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати асосноккунии самаранокии сармоягузорӣ дар сохтмони иншооти гидроэнергетикӣ ва таҳкими мавқеи ҷумҳурӣ дар бозори неруи барқ;
- муайян кардани самтҳои асосии такмили ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии идоракунии сармоягузорӣ ба соҳаи гидроэнергетикӣ ва нишон додани мушкилоти асосӣ ва ҳалли он;
- коркарди системаи идоракунии ташаккули портфели сармоягузорӣ ҳамчун механизми ташкилии идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар соҳаи гидроэнергетикӣ.

**Саҳми шахсии довталаб.** Ҳамаи давраҳои иҷроиши нақшаи кори илмӣ, таҳияи мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузошташуда ва иҷрои вазифаҳо аз ҷониби муаллиф ба анҷом расонида шудааст. Хулосаҳо ва пешниҳодоти дар натиҷаи таҳқиқот бадастомада имконият медиҳанд, ки барномаҳои рушди низоми гидроэнергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва механизмҳои танзими давлатии он мукаммал гардонида шавад. Тавсияҳо аз рӯйи муаммоҳои баландбардории механизми танзими давлатии сармоягузорӣ дар соҳа метавонанд барои баландбардории самаранокии экологӣ-иқтисодии амалишавии рушди иқтисоди миллӣ истифода карда шаванд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсия тасвиб карда шудаанд: бо конфронси илмӣ-амалии “Проблемаҳои устувории рушди иҷтимоию иқтисодӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ: ҷанбаҳои миллӣ ва минтақавӣ” Душанбе, 2018, “Амалисозии ҳадафҳои рушди устувор: таҷрибаи хориҷӣ ва миллӣ”, Душанбе, 2019, «Саноатикунонии кишвар ва таъмини рушди босуботи иқтисодиёт», Душанбе, 2020, «Нақши муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар таъмини рушди устувори минтақа дар ҳошияи рушди саноатикунонии босуръати кишвар», Кӯлоб-2020, “Масоили саноатикунонии истеҳсолоти аграрӣ”. Душанбе, 2021. ва ғайра. Тавсияҳои методӣ ва амалии пешниҳодгардида метавонанд тавассути кор карда баромадани барномаҳои таълимӣ, китоби дарсӣ ва матнҳои лексияҳо аз фанҳои “Иқтисодиёти энергетикӣ”, “Технология, ташкилот ва идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар соҳаи гидроэнергетикӣ”, “Ташкилот ва идоракунии соҳаҳои гидроэнергетикӣ” барои донишҷӯёни равияи иқтисодӣ истифода бурда мешаванд.

**Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятиоки рушди илм.** Диссертатсияи илмӣ дар доираи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, «Дурнамои рушди иҷтимоию иқтисодии Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон; «Низомномаи Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон»; «Барномаи мақсадноки маҷмуӣ оид ба истифодаи васеи энергияи барқароршаванда», ки дар он масъалаи мутобиқ намудани соҳаҳои гидроэнергетикӣ ба стандартҳои байналмилалӣ ҷойгоҳи муҳим дорад бармеояд.

**Мавҷудияти санади тасдиққуиаидаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот.** Мавзӯи диссертатсионӣ дар доираи иштироки унвонҷӯй дар раванди иҷрои лоиҳаи илмӣ таҳқиқотии “Мукаммалгардонии механизми таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаҳои комплекси агросаноатӣ (рақами бақайдгирӣ 0121TJ1093, аз 17.02.2021), ки дар Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии АИКТ сурат мегирад, иҷро шудааст.

**Интишорот аз рӯи мавзӯи диссертатсия.** Хулоса ва муқаррароти умумии диссертатсия аз ҷониби муаллиф дар 19 мақолаҳои илмӣ бо ҳаҷми умумии 7,61 ҷузъи чопӣ (бо ҳуқуқи муаллиф) нашр шудаанд. Аз онҳо 4 мақола дар маҷаллаҳои шомили феҳристи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидааст.

**Сохтор ва ҳаҷми кори диссертатсионӣ** бо ҳадаф, вазифаҳо ва мантиқи дохилии таҳқиқот мақсаднок муайян карда шудаанд. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва номгӯйи адабиётҳои истифодашуда иборат аст, ки 238 сарчашмаро фаро мегирад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 165 саҳифаро ташкил медиҳад, ки дорои 8 расм, 16 ҷадвал ва 4 диаграмма мебошад

**Мақолаҳои асосии муаллиф дар робита ба мавзӯи таҳқиқот:**

**Интишорот дар нашрияҳои тақризшаванда:**

[1-М]. Убайдуллозода Ғ.Х. Уровень развития электрификации сельского хозяйства Таджикистана [Матн] Ғ.Х. Убайдуллозода, Ш.Т. Одинаев // Гузоришҳои Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон №55 Душанбе -2018. С. 72-76, [0,15 ҷ.ч. муаллиф]

[2-М]. Убайдуллозода Ғ.Х. Ташкили сармоягузорӣ дар энергетика, ҳамчун омилӣ афзоиш ва навоварӣ [Матн] Ғ.Х. Убайдуллозода, Ш.Т. Одинаев // Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Душанбе - 2021, №4 (265) С. 113-117, [0,12 ҷ.ч. муаллиф]

[3-М]. Убайдуллозода Ғ.Х. Ҳолати рушди гидроэнергетикаи Тоҷикистон ва нақши он дар таъмини амнияти иқтисодӣ [Матн] Ғ.Х. Убайдуллозода, Д. Х. Хоҷаев // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Душанбе - 2022, №1(140). С.288-294 [0,21 ҷ.ч. муаллиф]

[4-М]. Убайдуллозода Ғ.Х. Совершенствование организационного механизма инвестиционной деятельности в гидроэнергетике Таджикистана [Матн] Ғ.Х. Убайдуллозода, А.Б. Мирсаидов // Маҷаллаи «Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз» Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе-2022, №3(79). С.125-135 [0,34 ҷ.ч. муаллиф]

**б. Дар дигар нашрияҳо:**

[5-М]. Убайдуллозода Ғ.Х. Роль инвестиции в национальной энергетики [Матн] Ғ.Х. Убайдуллозода, Ш. Т.Одинаев, С.К. Аттоев, Н.Ш. Зайнуллоев // Маводҳои семинари илмӣ - амалии минтақавӣ «Роҳҳои ба танзим даровардани нарх дар бозори маҳсулоти кишоварзӣ» Душанбе-2018. – С. 10-15, [0,09 ҷ.ч. муаллиф]

[6-М]. Убайдуллозода Ғ.Х. Зарурияти ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] Ғ.Х. Убайдуллозода, Ш.Д. Раҳимзода // Маводҳои конфренсияи илмию амалӣ «Арёбии бозори маҳсулоти боғу токпарварӣ ва дурнамои инкишофи он дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» ИИК АИКТ. Душанбе,” Эр-граф”-2019. С. 134-141, [0,25 ҷ.ч. муаллиф]

[7-М]. Убайдуллозода Ғ.Х. Пути привлечения инностранных инвестиций и формирование инновационной активности энергетических предприятий в Таджикистане [Матн] Ғ.Х. Убайдуллозода, Н.Ш. Зайнуллоев // Маводҳои конфренсияи илмӣ – назариявии ҷумҳуриявӣ «Омода намудани мутахассисони соҳаи саноати кишвар дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олиии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида ба эълон гардидани ҳадафи чоруми миллӣ” Саноатикунонии босуръати кишвар”. Душанбе-2019. С. 356-365, [0,31 ҷ.ч. муаллиф]

[8-М]. Убайдуллозода Ғ.Х. Маърифати энергетикӣ. Маҷмӯи суҳбатҳо дар мавзӯи барқ ва маданияти истифодаи он (дастурамал) [Матн] Ғ.Х. Убайдуллозода, М. И. Исмоилзода, Нозир Ёдгорӣ // ШСХК «Барқи Тоҷик». Душанбе-2020. С. 64, [1,33 ҷ.ч. муаллиф]

[9-М]. Убайдуллозода Ғ.Х. Истиқлолият ва энергетика. Дастури омӯзишӣ [Матн] Ғ.Х. Убайдуллозода, // «Нашри Мубориз». Душанбе-2022. С. 40, [2,5 ҷ.ч. муаллиф]

[10-М]. Убайдуллозода Ғ.Х. Энергетическая независимость одна из приоритетных направлений экономической стратегии Республики Таджикистан [Матн] Ғ.Х. Убайдуллозода, С. Сафовуддин, Г.В.Багдасарян, М.О. Иброҳимзода // Маводҳои семинари илмию амалии минтақавӣ «Арзёбии иқтисодии маҳсулоти кишоварзӣ дар бозорҳои озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон» ИИК АИКТ. Душанбе,” Эр-граф”. С. 239-245, [0,14 ҷ.ч. муаллиф]

[11-М]. Убайдуллозода Г.Х. Пути обеспечения энергетической независимости Республики Таджикистан [Текст] Г.Х. Убайдуллозода, Ш.Т. Одинаев, М.Х. Содиков, Д.М. Каримов // АПК Таджикистана: экономика, организация и управление Душанбе-2016 №3. С. 15-19, [0,07 п.л. автора]

[12-М]. Убайдуллозода Г.Х. Энергетическая безопасность - один из главных факторов производства и функционирования общества [Текст] Г.Х. Убайдуллозода, Ш.Т. Одинаев М.Х. Содиқов // АПК Таджикистана: экономика, организация и управление Душанбе-2016 №3. С. 63-65, [0,06 п.л. автора]

[13-М]. Убайдуллозода Г.Х. Современное состояние производство электроэнергии в Республике Таджикистан [Текст] Г.Х. Убайдуллозода, Д.М. Каримов // АПК Таджикистана: экономика, организация и управление Душанбе-2017 №1. С. 19-25, [0,21 п.л. автора]

[14-М]. Убайдуллозода Г.Х. Привлечения инвестиций в сфере энергетического сектора: Проблемы и риски [Текст] Г.Х. Убайдуллозода, // АПК Таджикистана: экономика, организация и управление Душанбе-2017 №1. С. 41-48, [0,5 п.л. автора]

[15-М]. Убайдуллозода Г.Х. Перспектива применения нетрадиционных источников возобновляемой энергии [Текст] Г.Х. Убайдуллозода, Ҳ. И. Муминзода // Институт энергетики Таджикистана Кушониён - 2018 (15-16 мая 2018г.) С. 38-45, [0,25 п.л. автора]

[16-М]. Убайдуллозода Ғ.Х. Энергетический потенциал Республики Таджикистан и возможности его использования [Текст] Ғ.Х. Убайдуллозода, Ҳ. И. Муминзода, С. Сафовуддин // Институт энергетики Таджикистана Кушониён - 2018 (15-16 мая 2018г.) С. 307-315, [0,18 п.л. автора]

[17-М]. Убайдуллозода Ғ.Х. Проблемы создание благоприятного инвестиционного климата в энергетике. [Текст] Ғ.Х. Убайдуллозода // АПК Таджикистана: экономика, организация и управление Душанбе-2017 №4. С. 31-39, [0,56 п.л. автора]

[18-М]. Убайдуллозода Г.Х. Эффективность электрификации сельского хозяйство [Текст] Г.Х. Убайдуллозода, Ш.Т. Одинаев, Н.Ш. Зайнуллоев // Материалы международной научного – практической конференции «Развитие гидроэнергетики Таджикистана», район Кушониён, Хатлонская область (20 декабря 2018 года) С. 20-28, [0,18 п.л. автора]

[19-М]. Убайдуллозода Г.Х. Основы инвестиционного процесса в энергетике [Матн] Г.Х. Убайдуллозода, Ш.Т. Дж. Бобозода, Зайнуллоев // Материалы международной научного – практической конференции «Развитие гидроэнергетики Таджикистана», район Кушониён, Хатлонская область (20 декабря 2018 года) С. 35-42, [0,16 п.л. автора]

## ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Кори диссертатсионии Убайдуллозода Ғолиб Хонҷон дар мавзуи «Такмили ҷанбаҳои ташкиливу иқтисодии идоракунии фаъолияти инвеститсионӣ дар низоми гидроэнергетикаи Тоҷикистон», аз рӯи ихтисоси 08.00.06 - Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) пешниҳод гардидааст, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, теъдод ва интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия мутобиқат менамояд.

2. Кори диссертатсионии Убайдуллозода Ғолиб Хонҷон ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ дар мавзӯи «Такмили ҷанбаҳои ташкиливу иқтисодии идоракунии фаъолияти инвеститсионӣ дар низоми гидроэнергетикаи Тоҷикистон» аз рӯи ихтисоси 08.00.06 - Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 - Ташкил

ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) омода гардида, барои баррасӣ ва ҳимоя ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-017-и назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Хулоса дар ҷаласаи шуъбаи омӯзиши равандҳои сармоягузорӣ дар комплекси агросаноатии Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон (протоколи №9/2 аз «31» октябри соли 2023) тасдиқ шудааст.

Натиҷаҳои овоздиҳии кушод: Тарафдор – 20 нафар, Зид – нест, Бетараф – нест. Якдилона қабул гардид.

**Раиси ҷаласа:**
шуъбаи омӯзиши равандҳои сармоягузорӣ
дар комплекси агросаноатии ИИТСРК АИКТ
номзади илмҳои иқтисодӣ — Ахмедов Д.Ҳ.

**Котиби ҷаласа:**
шуъбаи омӯзиши равандҳои сармоягузорӣ
дар комплекси агросаноатии ИИТСРК АИКТ
номзади илмҳои иқтисодӣ — Маҳмудова Ш.Ҳ.

Дурустии имзоҳои Ахмедов Д.Ҳ. ва
Маҳмудова Ш.Ҳ. -ро тасдиқ мекунам:
Нозири шуъбаи кадрҳо ИИТСРК АИКТ — Икромова М.Қ.